АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info 07-@ahd.tj

№ 02-1180 аз «12» майи соли 2021

Ба №__________ аз «____» ______________ соли 20__

Вазорату идораҳо, мақомоти
иҷроияи ҳокимияти давлатӣ
(тибқи рӯйхат)

Мавзӯъ: Дар бораи пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2021, №8119(21-3) бо пешниҳоди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 15 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2021, №1 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасӣ ба Шумо ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, баррасӣ ва хулосаи худро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асоснокунии он дар 5 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Давлатов Ҷ.М.

Лоиҳа

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# «ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ»

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 августи соли 2020 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2020, №7-9, мод.620) тағйироти зерин ворид карда шавад:

1.Дар сархати ҳафтуми моддаи 1, банди 8 қисми 1 моддаи 23, бандҳои 1 ва 7 қисми 1 моддаи 24 калимаи «хешовандон» ба калимаҳои «хешовандони наздик» ва дар банди 5 қисми 1 моддаи 22 калимаи «хешовандони» ба калимаҳои «хешовандони наздики» иваз карда шаванд.

2.Банди 2 қисми 1 моддаи 22 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2) агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардида бошад;».

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шарипов
(110521(АКД))

Проект

# ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «О ВНЕСЕНИИ ИЗМЕНЕНИЙ В ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «О ПРОТИВОДЕЙСТВИИ КОРРУПЦИИ»

Статья 1. Внести в Закон Республики Таджикистан от 7 августа 2020 года «О противодействии коррупции» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2020г. №7-9, ст.620) следующие изменения:

1.В абзаце седьмом статьи 1 слово «родственники» заменить словами «близкие родственники», в пункте 5 части 1 статьи 22 слово «родственниками» заменить словами «близкими родственниками», в пункте 8 части 1 статьи 23, пунктах 1, 7 части 1 статьи 24 слово «родственников» заменить словами «близких родственников».

2. Пункт 2 части 1 статьи 22 изложить в следующей редакции:

«-осуждения за совершение умышленных преступлений или освобождения от уголовной ответственности за совершение умышленных преступлений по нереабилитирующим основаниям;».

Статья 2. Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

Президент
Республики Таджикистан

Ифтихор
110521(АхД)

Лоиҳа

Қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»

Мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

110521 (АКД)

Проект

Постановление
Правительства Республики Таджикистан

О проекте Закона Республики Таджикистан «О внесении изменений в Закон Республики Таджикистан «О противодействии коррупции»

В соответствии со статьей 58 Конституции Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

Одобрить проект Закона Республики Таджикистан «О внесении изменений в Закон Республики Таджикистан «О противодействии коррупции» и представить на рассмотрение Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

[illegible]
110521 (АХД)

# АСОСНОККУНИИ

## лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2021, №8119(21-3) бо пешниҳоди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2021, №2-2-218 бо мақсади иҷрои банди 15 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2021, №1 таҳия карда шудааст.

Бо мақсади таъмини мувофиқати Қонуни мазкур бо дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати ҳафтуми моддаи 1, банди 8 қисми 1 моддаи 23, бандҳои 1 ва 7 қисми 1 моддаи 24 калимаи «хешовандон» ба калимаҳои «хешовандони наздик» ва дар банди 5 қисми 1 моддаи 22 калимаи «хешовандони» ба калимаҳои «хешовандони наздики» иваз карда шаванд.

Дар лоиҳаи мазкур ҳамчунин бо мақсади таъмини Қонуни мазкур бо дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки банди 2 қисми 1 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардида бошад;».

Тағйироти мазкур ҷиҳати пешгирии фаъолияти шахсони тасодуфӣ дар мақомоти давлатӣ, бахусус дар бахши иқтисодӣ ва бознигарӣ кардани талаботи қонунгузорӣ дар самти ба кор қабул намудани шахсоне, ки қаблан таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, пешбинӣ гардидааст.

Лоиҳаи мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бо асосҳои дар боло зикргардида лоиҳаи мазкур барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ушаканёв
11.05.21

**Рӯйхати**
**кӯтоҳи мақомоти давлатӣ**

| ***Р/т*** | ***Номгӯи мақомоти давлатӣ*** | *Эзоҳ* |
|---|---|---|
| 1 | Прокуратураи генералӣ | |
| 2 | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон | |
| | ***Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 3 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | |
| | ***Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 4 | Вазорати адлия | |
| 5 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ | |
| 6 | Вазорати молия | |
| 7 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | |
| | ***Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 8 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | |
| | ***Идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 9 | Кумитаи андоз | |
| 10 | Кумитаи забон ва истилоҳот | |
| | **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** | |
| 11 | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | |
| 12 | Вилояти Суғд | |
| 13 | Вилояти Хатлон | |
| 14 | Шаҳри Душанбе | |

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳ: Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муговимат ба коррупсия» аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2021, №8119(21-3) дар асоси бо пешниҳоди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2021, №2-2-218 бо мақсади иҷрои банди 15 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2021, №1 таҳия карда шудааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи мазкур аз 12 майи соли 2021, №02-1180 барои баррасӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон лоиҳаи мазкур дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ ҷиҳати шиносоӣ, омӯзиш ва ирсоли эроду пешниҳодоти дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ҷойгир мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд эроду пешниҳодоти худро тариқи хаттӣ ё тавассути сомонаи мазкур бо почтаи электронии 02-@ahd.tj унвонии Агентии хизмати давлатӣ ирсол намоянд.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон